Ассотсиатсияи Бонкҳои Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Бонки миллии Тоҷикистон, рӯзҳои 25-28 январи соли 2011 дар шаҳри Душанбе оиди мавзуӣ: «Таҷрибаи ҷорӣ намудани Меъёрҳои Байналмиллалии Ҳисоботи Молиявӣ дар фаъолияти бонкҳо» курси тахассусӣ гузаронид.

Дар он роҳбарони Идораҳои ҳисобдорӣ ва хадамоти аудитии ташкилотҳои қарзӣ иштирок намуданд. Аз он ҷумла, ҶСП «Аввалин Бонки Молиявии хурд», ҶСК «Агроинвестбонк, БДА ҶТ «Амонатбонк», ҶСК «Бонки Эсхата», ҶСП «Акссес Бонки Тоҷикистон», ҶСП Бонки Рушди Тоҷикистон», ҶСП «Кафолатбонк», ҶСП «Фононбонк», ҶСП «БСТ ТИСТ Тоҷпромбонк», ҶСК «Тоҷиксодиротбонк», ҶДММ ТҚХ «ФИНКА», ҶДММ ТҚХ «ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ», ҶДММ ТҚХ «Кредит-Экспресс».

Иштирокдорони ин курс тағийроту иловаҳои нав ба нақшаи ҳисобҳои муҳосибавӣ воридшуда, инчунин бо дигар санадҳои расмӣ оиди тасдиқи қоидаҳои ҳисобдории муҳосибавиро барои ташкилотҳои қарзӣ омӯхтанд. Машғулиятҳоро сармутахассисони Мудирияти назорати бонкии Бонки миллии Тоҷикистон гузарониданд.